«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон д.и.ф-м., профессор
____________ Хоҷазода Т.А.

ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳоиҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои мубрами илм ва қонунгузории ҷиноятӣ бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад.

Мубрамияти мавзӯъ бо якчанд омилҳо аз ҷониби муаллиф воқеъан асоснок карда шудааст: Аввалан, дар низоми иқтисодии давлатҳои муосир унсури хеле муҳим ва зарурӣ низоми бонкӣ мебошад, ки солимии иқтисодиёти ҳар давлат бештар ба фаъолияти ин низом вобастагӣ дорад. Дар пайвандӣ ба ин масъала Пешвои миллат ба маврид қайд менамоянд, ки «низоми молияву бонкии кишвар ҳамчун омили муҳимми рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон бояд ба афзалиятҳои кишвар ва ба манфиати ҷомеа равона шуда, барои бо сармоя таъмин намудани соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, ҳавасманд гардонидани соҳибкорону тоҷирон ва умуман, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ дар ҷомеа, ташкили ҷойҳои корӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ хизмат намояд».

Одатан аз сифати фаъолият ва шумораи бонкҳои амалкунанда фарҳанги иқтисодии давлатро баҳо медиҳанд. Фаъолияти низоми бонкӣ боиси бавуҷудоии муносибатҳои ҷамъиятии гуногун мегардад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун танзимгари ин муносибатҳо хизмат мекунанд. Ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 73 адад ташкилотҳои қарзӣ фаъолият менамоянд. Мавҷудияти теъдоди зиёди ташкилотҳои қарзӣ беихтиёр хавфи содиршавии фаъолияти ғайриқонунии бонкиро афзун менамоянд.

Дуюм, таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ нишон медиҳад, ки мавҷудияти меъёри махсус дар самти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии

фаъолияти бонкӣ дар шароити инкишофи низоми бонкӣ ва фаъолияти озоди иқтисодӣ зарур ва муҳим мебошад. Ҳолатҳои зиёди ҳуқуқвайронкунӣ дар низоми бонкии кишвар аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки назорати бонкӣ солҳои тӯлонӣ дар сатҳи ниҳоят паст қарор дошта, аз ин вазъ шахсони алоҳида суистифода намудаанд ва дар натиҷа ба иқтисодиёт ва иҷтимоиёти кишвар зарари зиёд расонида шудааст. Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ на танҳо ба низоми бонкии кишвар, манфиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин давлат низ зарари ҷиддӣ расонида, низоми иқтисодиёти мамлакатро дар маҷмӯъ заиф мегардонад.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои танзими қонунгузории фаъолияти бонкӣ, амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд.

**Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо, ки ба бандҳои 10,11,12,13,14,15,16 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)” муайян карда шудаанд.** Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти бонкӣ мусоидат мекунад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Диссертатсия ягонагии дохилӣ дорад, яъне дар он танҳо масъалаи “Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Сохтори диссертатсия тибқи мақсад ва вазифаҳои он, инчунин талаботи таҳқиқоти мутассил ва мантиқӣ интихоб карда шудааст. Бобҳо ва зербобҳои диссертатсия бодарназардошти таҳқиқи мантиқӣ тибқи усули илмии гузариш ба мафҳумҳои умумӣ ва мушаххас, пай дар ҳам таҳлил намудани қонунгузорӣ муайян карда шудааст.

Ба ҳимоя нуқтаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Таҳлили таърихи ташаккул ва рушди муносибатҳои бонкӣ чун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки он дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза аз давраҳои аввали давлатдории тоҷикон ҷой дошта, дорои махсусиятҳои хоси худ буданд. Аммо ба шакли имрӯза ташаккулёбии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҳифзи фаъолияти бонкӣ пеш аз ҳама аз таъсири ҳуқуқи тоинқилобии Русияи подшоҳӣ, Иттифоқи Шӯравӣ ва баъдан ИДМ вобастагии зич дорад. Қонуни ҷиноятии замони шӯравӣ муқаррароти бевоситаро ҷиҳати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ пешбинӣ накарда бошад ҳам, лекин нишонаҳои алоҳидаи онро дар таркиби дигар ҷиноятҳо мустаҳкам намуда буд.

2. Асоси дар КҶ ҶТ криминализатсия намудани ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ пеш аз ҳама ба қабул гаштани Кодекси моделии ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ иртибот дорад. Маҳз махсусиятҳои объекти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ сабаб гардидаанд, ки ин ҷиноятро дар Кодекси моделии ҷиноятии ИДМ алоҳида аз ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ мавриди танзим қарор диҳанд. Аввалан, фаъолияти бонкӣ чун падидаи нави иқтисодӣ ҳануз пурра ташаккул наёфта, зери таъсири гурӯҳҳои ҷиноятӣ қарор гирифта буд. Баъдан, фаъолияти бонкӣ чун соҳаи мустақил дорои заминаҳои ҳуқуқии худ буда, ба таври зарурӣ мавриди танзим қарор гирифтааст. Гузашта аз ин, фаъолияти бонкӣ бо махсусиятҳои алоҳидаи худ аз фаъолияти соҳибкорӣ фарқ менамояд ва табиист, ки бояд алоҳида мавриди ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ қарор дода шавад. Ҳамин тавр, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ яке аз намудҳои соҳибкории ғайриқонунӣ ба шумор равад ҳам, вале вобаста ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз соҳибкории ғайриқонунӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Маҳз ин ҳолатро ба эътибор гирифта Кодекси моделии ҷиноятии ИДМ онро чун ҷинояти алоҳида муқаррар намудааст.

3. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳамчун таркиби алоҳида на дар ҳамаи қонунҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ муқаррар карда шудааст. Вобаста ба ин метавон кишварҳои ИДМ-ро ба ду гурӯҳи калон тақсимбандӣ намуд:

а) кишварҳое, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ чун ҷинояти алоҳида дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар гаштааст (Кодексҳои ҷиноятии Федератсияи Русия, Ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Туркманистон);

б) кишварҳое, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ чун қисми таркибии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ муқаррар гаштаанд (Кодексҳои ҷиноятии Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Арманистон, Озорбойҷон, Ўзбекистон, Молдовия, Беларус).

Сабаби чунин «духурагӣ» пеш аз ҳама, аз сатҳу сифати рушди муносибатҳои иқтисодӣ, муомилоти пулӣ ва воситаҳои гуногуни ҳисоббаробаркунии ҳар як давлати аъзои ИДМ вобастагӣ дорад. Кишварҳое, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкиро чун қисми таркибии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ муқаррар намудаанд, аз он нуқтаи назар ба чунин амал даст задаанд, ки ин ду ҷиноят ба як гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ тааррuз менамоянд ва бояд якҷоя пешбинӣ карда шаванд. Аммо воқеияти замони муосир нишон медиҳад, ки тарзҳои муосири содиркунии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ба монанди ҷиноятҳои кибернетикӣ дар соҳаи фаъолияти бонкӣ рӯйи кор омадааст. Ҳолати мазкур зарурати дар алоҳидагӣ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор додани ин ҷиноятро дар қонунгузории ҷиноятӣ тақозо менамояд. Дар баробари ин, кишварҳои аъзои ИДМ-ро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ меъёрҳои навро коркард намуда, баҳри пешгирии тарзу воситаҳои нави содиршавии ин ҷиноятҳо чораандешӣ намоянд.

4. Диспозитсияи ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ хусусияти бланкетиро доро мебошад. Қонунгузор ҳангоми эҷоди диспозитсияи қ.1 м. 263 КҶ аз истилоҳоте корбурд кардааст, ки мазмуну моҳияти онҳо дар соҳаҳои дигари ҳуқуқ шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Мутобиқи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ истилоҳоти ҳуқуқӣ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ танҳо бо ҳамон маъноe истифода мегардад, ки он дар соҳаи махсуси дахлдор истифода мешавад. Бо мақсади мутобиқат намудани диспозитсияи қ.1 м. 263 КҶ ба қонунгузории соҳавӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба ҷойи истилоҳоти «шаҳрванд, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ» истилоҳоти «шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ» истифода карда шавад.

5. Бо мақсади дуруст тафриқагузорӣ карда шудани шаклҳои шарикӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ пешниҳод мегардад, ки дар қ.2 м. 263 КҶ содир намудани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ чун банди алоҳида муқаррар карда шавад.

6. Амалӣ сохтани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои содир намудани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ё

соҳибкории ғайриқонунӣ суд шудааст, маънои онро дорад, ки шахс то муҳлатҳои бо қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаи барҳамхурӣ ё бардоштани доғи судӣ боз ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ машғул мешавад. Аммо то имрӯз таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ нишон медиҳад, ки ягон шахс бо ин банди м. 263 КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида, маҳкум карда нашудааст. Гузашта аз ин, чунин тарзи меъёрэҷодкунӣ хоси техникаи ҳуқуқӣ набуда, татбиқшавии он дар амалия ба гуногунфаҳмӣ ва духура тафсир шудани моҳияти он оварда мерасонад. Бинобар ин, таклиф карда мешавад, ки банди «в» қ. 2 м. 263 КҶ – содир намудани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ё соҳибкории ғайриқонунӣ судшуда содир гардида бошад, хориҷ (декриминализатсия) карда шавад.

7. Яке аз ҳолатҳое, ки барои такмили қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон аҳамиятнок аст, ин муқаррар намудани намуди махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳангоми мавҷуд набудани ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят ба шумор меравад. Чунин таҷриба дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷ, бахусус Қазоқистон (эзоҳ ба м. 214 КҶ) ҷорӣ карда шудааст. Мутобиқи он шахсе, ки бори аввал кирдори дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишударо содир кардааст, ҳангоми зарарро ихтиёран талофӣ намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Бинобар ин, зарур аст, ки чунин намуди махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ бе ҳолатҳои вазнинкунанда муқаррар карда шавад.

Муаллиф бо мақсади мукаммал гардонидани **Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон** ворид намудани тағйиру иловаҳоро мувофиқи мақсад медонад:

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло м. 263 КҶ дар таҳрири зерин пешниҳод карда мешавад:

“**Моддаи 263. Фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ**

1) Ба амал баровардани фаъолияти бонкӣ (амалиёти бонкӣ) бидуни бақайдгирӣ ё бидуни иҷозатномаи махсус (литсензия) дар мавридҳое, ки чунин иҷозатнома (литсензия) ҳатмӣ мебошад ё бо вайрон кардани шартҳои иҷозатнома (литсензия), агар ин кирдор бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон вобаста бошад ё ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ё давлат ба миқдори калон зарар расонида бошад,

бо ....ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил;

б) бо ба даст овардани даромад ба миқдори махсусан калон алоқаманд бошад,

бо ….. ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: 1. Даромад ё зарар ба миқдори калон чунин даромад ё зарарест, ки маблағи он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба ва даромади махсусан калон аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо се ҳазор маротиба зиёдтар мебошад.

2. Шахсе, ки бори аввал кирдори дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишударо содир кардааст, ҳангоми зарарро ихтиёран талофӣ намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад».

Нуқтаҳои илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар охири бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ – амалӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба он тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар зиёда аз 14 мақоллаҳои илмӣ дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 4 мақолла дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст. Аз ҷумла: Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ бо маърӯзаҳо пешниҳод шудаанд:

а) байналмилалӣ:

– «Сиёсати ҷиноятӣ дар ҷодаи тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ» – маърӯза дар мавзӯи «Таҳлили ҳуқуқи ҷиноятии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ тибқи қонунгузори ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ» (Душанбе, Академияи ВКД, 25 майи соли 2018);

– «Актуальные вопросы юриспруденции» – маърӯза дар мавзӯи «Уголовная ответственность незаконной банковской деятельности по законодательству Республики Узбекистан» (Душанбе, ДСРТ (РТСУ), 26 апрели соли 2019);

– «Конститутсияи ҶТ ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» – маърӯза дар мавзӯи «Таърихи ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ» (Душанбе, ДМТ, 30 октябри соли 2019);

– « Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» – маърӯза дар мавзӯи «Пайёмҳои сарвари давлат – омили муҳими танзими фаъолияти бонкӣ» (Душанбе, ДМТ, 10 декабри соли 2019);

б) ҷумҳуриявӣ:

– «Нақши экспертизаи судӣ дар тафтиши ҷиноят» – маърӯза дар мавзӯи «Мафҳуми фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ» (Душанбе, ДМТ, 21 апрели соли 2018);

– «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018–2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва « 70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзӯи «Баъзе паҳлуҳои объекти ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ» (Душанбе, ДМТ, 24 апрели соли 2018);

– «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019 - 2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ» – маърӯза дар мавзӯи «Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия» (Душанбе, ДМТ, 25 апрели соли 2019);

– «Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва натиҷаҳои он» – маърӯза дар мавзӯи «Муқовимат бо фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳамчун ҷинояти коррупсионӣ» (Душанбе, ДМТ, 7 декабри соли 2019);

– «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» – маърӯза дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон» (Душанбе, ДМТ, 23 апрели соли 2020).

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд. Асардуздӣ дар диссертатсия мушоҳида намешавад.

**Сатҳи асоснокӣ ва боэтимодии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои аспирант.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва

боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи бонкӣ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд.

Оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ як зумра олимони ватанӣ, ба монанди В.А. Абдухамитов, У.А. Азиззода, Н.Б. Азимзода, С.Э. Баҳриддинзода, А.Д.Ғафуров Н.А. Қудратов, З.Ҳ. Искандаров, Ҷ.З. Маҷидзода, И.Т. Маҳмудов, Н. Маҳмадзода, П.З. Мирзозода, Ф.А. Мирзоахмедов, А.Қ. Назаров, Э.С. Насриддинзода, Д.С. Раҳмон, Р.Ҳ. Раҳимзода, М.З. Раҳимзода, Р.Р. Раҳмадҷонзода, К.Д. Раҷабов, Ш.Н. Саидзода, Д.Ш. Сангинов, Г.С. Сатторов, А.И. Сафарзода, Ҳ.С. Сафарзода, К.Ҳ. Солиев, Ш.Л. Холиқзода, Т.Ш. Шарипов, Р.И. Шарипов ва олимони хориҷӣ, аз қабили Д.И. Аминов, Б.В. Волженкин, А.Э. Жалинский, В.Д. Ларичева, Н.А. Лопашенко, Т.В. Пинкевич, А.Ж. Саркисян, В.И. Тюнин, Т.Д. Устинова, П.С. Яни таълифоти худро ба нашр расонидаанд. Дар умум, муаллифони зикршуда масоилеро мавриди баррасӣ қарор додаанд, ки паҳлуҳои ҷудогонаи падидаи фаъолияти ғайриқонунии бонкиро дар бар мегиранд. Дар баробари ин, қайд кардан ба маврид аст, ки то ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, бандубасти ин ҷиноят, фарқияти ин ҷиноят аз ҷиноятҳои ба он монанд ва роҳҳои такмили қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар ин самт ҷой надоранд.

Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани ин холигӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст.

**Сатҳи навгонии натиҷаи илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои аспирант, ки дар диссертатсия баён гардидаанд.**

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки баъди қабули КҶ ҶТ соли 1998 рисолаи илмии мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмӯие мебошад, ки ба таҳлили низомноки масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии ватанӣ бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷи наздик (давлатҳои аъзои ИДМ) ва кишварҳои хориҷи дур (ИМА, Фаронса, Олмон, Эстония, Латвия, Литва, Дания,

Испания, Чин ва ғ.) оид ба ҷинояти таҳқиқшаванда, фарқияти ин ҷиноят аз таркибҳои ба он монанд ва такмили минбаъдаи он бахшида шудааст.

Дар диссертатсия таҳлили амиқи мафҳуму моҳияти ҷинояти фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ амалӣ гардида, мазмуну муҳтавои аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии ҷинояти таҳқиқшаванда муайян карда шуда, ҷиҳати такмили м. 263 КҶ ҶТ тавассути ворид намудани аломатҳои иловагии бандубастшаванда ва намуди махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба ин ҷиноят пешниҳодҳои асоснок ироа гардидааст. Навгонии дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ пеш аз ҳама дар пешниҳодҳои илман асосёфта аз ҷониби муаллиф доир ба таҳлили аломатҳои бандубастшавандаи фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, бахусус аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир намудани ин ҷиноят ифода меёбад. Ба назари эътибор гирифтани навгониҳои диссертатсия имконият медиҳанд, ки хусусияти латентии (рӯйпушшавии) ҷинояти м. 263 КҶ ҶТ дар воқеияти ҳаёт аз байн равад ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони назораткунандаи соҳаи бонкӣ муборизаи шадидро бо ҷинояткорӣ дар бахши иқтисодиёт тавсеа бахшанд.

Дар диссертатсия вобаста ба вазъи имрӯзаи ҷинояткорӣ дар самти фаъолияти бонкӣ масоили зерин мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд:

- дар асоси таҳлили таърихи ташаккул ва рушди муносибатҳои бонкӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ, танзими ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мавҷудияти робита ва қайду шарти ҳамдигарии ин ҷиноят бо воқеияти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии даврахои муайяни инкишофи қонунгузорӣ;

- таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷи наздик (давлатҳои аъзои ИДМ) ва кишварҳои хориҷи дур (ИМА, Фаронса, Олмон, Эстония, Латвия, Литва, Дания, Испания, Чин ва ғ.);

- дар сатҳи диссертатсионӣ исбот карда мешавад, ки такмили м. 263 КҶ ҶТ оид ба ҷавобгарӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи мақсад мебошад;

- пешниҳодҳо дар хусуси муайян намудани объекти бевосита, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии м. 263 КҶ ҶТ, фарқгузории таркиби м. 263 КҶ ҶТ аз таркибҳои ҳаммонанди он, муайян намудани хусусиятҳои гурӯҳи муташаккил ва ғайра.

Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд аз лиҳози илмӣ-методологӣ бо истифода аз ақидаҳои маъмули дар илм пазируфташуда, дар робита бо қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқӣ исбот карда шудаанд. Онҳо дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар илм истифода мешаванд, навгонии илмӣ доранд.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия.**

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, ки барои ҳалли онҳо фикри муаллиф талаб карда мешавад. Ба монанди:

1. Номи зербоби 1.-и диссертатсия "Таърихи ташаккул ва рушди муносибатҳои бонкӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ" ном гирифтааст. Дар сараввали параграф ташаккул ва рушди муносибатҳои бонкӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ва даврабандии инкишофи ҳуқуқ ва давлати Тоҷикистон сухан меравад, вале ибораи "ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ ва муосир дар зербоб мавҷуд намебошад. Чунин номгузорӣ аз ҷониби муаллиф ба мақсад мувофиқ набуда, доираи таҳқиқи мавзӯъро васеъ мегардонад, ки одатан таҳлили мавзӯи мавриди назар ғайриимкон мегардад. Таҳлили муносибатҳои кредитӣ дар давраи Юнони қадим ва Бобулистон системанокии зербоби мавриди назарро халалдор намудааст. Хубтар мебуд агар танзими ҳуқуқии муносибатҳои бонкӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар сарзамини Тоҷикистон аз қонунгузории шӯравӣ сарчашма мегирад, ки асоси онро Инқилоби октябр (с. 1917) ташкил медиҳад, дар диссертатсия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирифт. Вобаста ба ин масъала шарҳи муаллиф талаб карда мешавад.

2. Бояд қайд намуд, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ яке аз намудҳои соҳибкории ғайриқонунӣ мебошад. Вале вобаста ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ қонунгузор онро ба таври алоҳида чун ҷинояти мустақил дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудааст (С. 78). Ба андешаи муаллиф сабаб дар чи мебошад, ки қонунгузор онро ҳамчун объектҳои алоҳидаи ҷиноят эътироф намудаву дар моддаҳои алоҳида танзим намудааст, аммо муаллиф ба он назар аст, ки фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ яке аз намудҳои соҳибкории ғайриқонунӣ маҳсуб меёбад. Аз тарафи муаллиф талаб карда мешавад, ки ин нуктаи дар диссертатсия (С. 78) мавҷудбударо бо далоилҳои муътамад асоснок намояд.

3. Аксарияти муҳаққиқони ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷонибдори ақидаи муносибати озод дар муайянкунии талабот ва шартҳои литсензиякунонӣ ҳастанд (С. 94). Чунин тарзи фаҳмиши илмӣ саҳеҳ набуда, мубоҳисаро ба

миён меорад. Хубтар мешавад, ки кадом гурӯҳи олимон ин нуктаи назарро пазируфтаанд, муайян карда мешуд. Вобаста ба ин маъала шарҳи муаллиф талаб карда мешавад.

Ҳамзамон эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба паҳлуҳои илмии диссертатсия таъсири ҷидди намерасонанд.

**Баҳои ягонаи дохилӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли проблемаҳои мубрами дахлдор, вазифаҳои назариявӣ ё амалӣ.**

Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти истифода шудаанд, ин сифати мусбии диссертатсияро таъмин намуда, минбаъд, дар таҳқиқоти илмии "Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва мукаммалсозии қонуни ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷинояти барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ истифода шаванд.

Ҳамчунин, тадқиқоти мазкур метавонад дар раванди таъсиси бонкҳои нав ҳамчун дастур ва роҳнамо хизмат кунад ва дар самти пешгирии бақайдгирии бонкҳои қалбакӣ мусоидат намояд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқшиносӣ-ҳуқуқи ҷиноятӣ, бандубасти ҷиноятҳои иқтисодӣ, асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо ва фанҳои иқтисодӣ-фаъолияти бонкӣ, аудит дар бонкҳо ва мониторинги молиявӣ истифода шавад.

**Тасдиқи нашри нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо, хулосаҳои диссертатсия.**

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақоллаҳо аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар автореферати диссертатсия дарҷ ёфтааст, интишор шудаанд. Нашрияҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ интишор шудаанд, дар диссертатсия, аз ҷумла дар хулосаи он, инчунин дар автореферат дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла мазмун мухтасари бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ "-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамият дошта, муаллифи он Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон Тулиев И.Р. (ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) омода карда шуда, он дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон 29 январи соли 2021 (протоколи №5) муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шуда, дар маҷлиси кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон 02 феврали соли 2021 (протоколи №6) қабул карда шудааст.

**Раиси семинари васеи илмӣ- назариявӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти**
**кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии**
**Донишгоҳи Славянии**
**Россия ва Тоҷикистон** **Абдуллаева Р.А.**

**Ташхисгар, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии**
**Донишгоҳи Славянии**
**Россия ва Тоҷикистон** **Тулиев И.Р.**

**Котиби семинари васеи илмӣ-назариявӣ,**
**лаборанти калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии**
**Донишгоҳи Славянии**
**Россия ва Тоҷикистон** **Нуритдинова Р.Я.**

**"Имзои Абдуллаева Р.А., Тулиев И.Р.**
**ва Нуритдинова Р.Я. – ро тасдиқ мекунам"**
**Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи**
**Славянии Россия ваТоҷикистон** **Давлатов Х.Ҳ.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон, 734000, ш.Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30
**Тел:** (992) 37 221 – 35 – 50, **Факс:** (992) 37 221 – 35 – 50.
**E-mail:** p.rektora@mail.ru, http//www.rtsu.tj